**ТАҚРИЗИ**
**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Бахромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онхо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи доктории Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии «10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат мекунад.

Адабиёти тоҷикии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX солҳост, ки мавзуи пажуҳиши доманадор ва баҳсҳои ҷиддии адабиётшиносӣ қарор гирифа ва муҳаққиқоне монанди Р. Ҳодизода, С. Амирқулов, С. Сиддиқов, М. Шакурӣ, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, Х. Асозода, Ҷ. Ҳамроев, М. Мирзоюнус, С. Хӯҷақулов ва дигарон дар ин замина китобҳои арзишманде ба вуҷуд овардаанд. Адабиёти ин давра дар осори таҳқиқии адабиётшиносии шуравӣ ва пас аз шуравӣ маъмулан ба истилоҳи «адабиёти маорифпарварӣ» маъруф буда, бисёре аз мутахассисон то ҳол дар фарорафт ба мазмуну моҳияти маорифпарварии он корҳои назаррас анҷом додаанд. Дар баробари ин, бо дигар шудани меъёри назар ба таърихи адабиёт назари адабиётшиносон ба мазмуну моҳияти ин давраи адабиёт тағйир пазируфтааст. Аз ҷумла, таҷдиди назар ба ин муаммо бархе муҳаққиқонро ба он водоштааст, ки адабиёти маорифпарвариро бо мафҳуми нави «адабиёти давраи гузариш аз ҳолати асримиёнагӣ ба аҳди ҷадид» ифода ва шарҳу таъбир карда ва онро на чун ҷузъи таркибии адабиёти гузашта, балки ба сифати адабиёти давраи гузариш ба аҳди нав ба ҳисоб оваранд. Мушкили асосии таҳқиқу баррасии муаммоҳои нақди адабӣ, афкори сухансанҷӣ дар ин давра бастагӣ ба ҳамин амр ҳам дорад.

Нақди адабӣ дар қаламрави адабиёти тоҷикии ин давра бо такя ба равиш ва суннатҳои фарҳангии классикӣ ва ниёзҳои нав, чун равияи нав ва нерӯмандтаре зоҳир гардид. Аз ин ҷиҳат, табиист, ки муҳаққиқи адабиёт ва нақди адабии ин давраро огоҳии умқӣ аз масъалаҳо ва мушкилаҳои муҳимми таҳқиқу баррасии адабиёт, огоҳии зимнӣ дар таъйини вежагии афкори сухансанҷӣ ва омодагии ҳирфаии бештаре аз ҷараёнҳои фикрии он замона зарур аст. Ошноӣ бо равандҳои ҷиддии такомули адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, махсусияти низоми нави замон ва пешрафти фикрии ҷомеа дар он давра, огоҳии бештар аз хосиятҳои умдаи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, шинохти манбаъҳои таҳқиқи адабиёти охири садаи X1X – нимаи аввали садаи XX, асарҳои адабиётшиносону мунаққидони ҳирфаӣ то солҳои 50-уми садаи XX, вуруд ба асноди фаровони расмиву ҳизбӣ ва ғайра ба диссертант

имкон додааст, ки ба бозгӯи мавзуи афкори адабии тоҷикӣ дар сатҳи заруриву мукаммал пардозад. Чунин бармеояд, ки ӯ тайи чандин сол дар ин роҳ ҷустуҷӯ анҷом дода ва маҳсули назаррас дар баррасиҳои адабии ин марҳала фароҳам овардааст.

Албатта чуноне, ки гуфтем, адабиёти ин давра, ҷараёнҳои адабӣ, ҷойгоҳи тазкираҳо ҳамчун сарчашмаи шинохти адабиёт, мероси интиқодии суханварон, муаррифӣ ва баррасии осори дигар таҳқиқоти назаррас рӯйи кор омадаанд, вале то кунун ин қазия дар маҷмуи куллии афкори адабии тоҷикии поёни садаи Х1Х ва нимаи аввали садаи ХХ пажуҳиши мустақил нашудааст. Яъне, як рисолаест, ки афкори адабӣ ва масъалаҳои сухансанҷӣ дар он бо такя ба маводи бештари адабӣ – аз ҷумла ашъори шоирони маорифпарвар ва насри таърихиву иҷтимоии суханварони ҷадид, матолиби тазкираҳо, феҳрасту рӯзномаҳо, накду баррасиҳо дар матбуоти миллии тоҷикӣ, китобҳо дар заминаи таърихи адабиёт ва ғайра дар маҷмуъ баррасӣ шудааст.

Диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович аз зумраи он таҳқиқоте аст, ки масъалаи таҳаввули афкори адабиро бо назардошти равишҳои он замон ва ҳам равишшиносии таҳқиқу баррасии адабиёти ин давра аз иҳотаи назарӣ ва дидгоҳҳои адабиётшиносии ду марҳалаи сиёсиву иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Диссертатсия бо интихоби мавзуъ, гузориши масъала, фарорафт ба маводи сершумори адабиву интиқодӣ, равиши баррасӣ, ҳаллу фасли мавзуъҳои асливу фаръӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта ва дар омӯзиши масъалаҳои муҳимми афкори адабии тоҷикӣ дар як марҳалаи вежаи таърих, давраи гузариш ва тағйири босуръати нуқтаи назарҳо оид ба маърифати адабӣ, бо таваҷҷуҳ ба вазъи замон ва махсусияти муҳити адабӣ дар таърихи афкори адабиву интиқодии тоҷик иқдоми шоистае аст. Масъалаҳои мубрами афкори адабиву интиқодӣ, ки дар ин рисола бо фарогирии заминаҳои афкори сухансанҷии нави тоҷик, вазъи сухансанҷӣ дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, мақоми саромадони адабиёт дар адабпажуҳӣ ва накди адабии солҳои 20-50-уми садаи XX, поягузорони адабиётшиносиву накди адабӣ дар давраи нав таҳқиқ шудаанд, саҳифаи наве дар таърихи адабпажуҳии тоҷик буда, аз назари гузориши масъалаҳо миёни ҳам иртиботи амиқ доранд.

Ҷиҳати хуби диссертатсия аз ин ҷиҳат қобили таъкид аст, ки дар он зуҳури афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи Х1Х – нимаи аввали садаи ХХ бо вусъат ва густардагӣ мавриди пажуҳиши ҳамаҷониба қарор ёфтааст. Ин диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи бобу фаслҳои рисола ба баррасӣ, исботи мухтассот ва мушаххасоти сухансанҷии як давраи муайяни адабиёти тоҷик равона шуда ва он ба сифати масъалаи муҳимми илмӣ ҳал шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ ва дастгирист.

Муаллиф зимни фароҳам овардани иттилои муфиди иҷмолӣ роҷеъ ба оғози таърихи накди адабии тоҷик дар замони шуравӣ, сарчашмаҳо ва хусусиятҳои ташаккулу таҳаввули он, заминаҳои шаклгирӣ ва марҳалаҳои

адабиётшиносии навини тоҷик барои таҳқиқоти ҷудогонаи минбаъда ба муҳаққиқон дастуру раҳнамои муфид омода сохтааст, ки ин хеле муҳим аст.

**Навгониҳои таҳқиқот** ба мушаххас кардани бисёре аз масъалаҳои нақду сухансанҷии ин давраи адабиёт бо фарорафт ба пажуҳиши заминаҳои аслии шакл гирифтани ин шохаи тафаккури адабӣ ва назари интиқодии адибони равшангар дар маҷрои умумии таърихи ташаккули афкори сухансанҷии тоҷикӣ равона шуда, моҳияту равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX бо такя ба сарчашмаҳои аввал равшан шудааст. Ҷамъ шудани маводи фаровон ва ба муомилаи илмӣ ворид кардани онҳо, баҳрамандӣ аз он дар тарҳрезии рисола аз навгонии умда аст. Дар диссертатсия мухтассоти ду марҳала – афкори адабӣ ва нақду сухансанҷии навини тоҷикии то замони инқилоб ва баъди он шарҳу баст ёфтаанд. Ҷустуҷӯ, бозёфт, андешаву муҳокима, масъалагузорӣ ва бардоштҳои илмии диссертант маҳсули омодагӣ ва навҷӯиву навназарии ӯст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертант дар баррасии маводи баҳс аз дастовардҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ ва усулҳои пажуҳиши таърихиву муқоисавӣ суд ҷуста, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо таҳлили амиқу саҳеҳи мавод, мутобиқати он бо коркарди натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, миқдори зиёди мақолаҳои илмӣ ва монографияҳо, дар шакли китоби алоҳида ба чоп расонидани маҷмуи мақолоти адабиётшиносии давраи мазбур ва гузиниши мақбули дурусти равишҳои таҳқиқ мушаххас мегардад.

**Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия** самараи ҷусторҳои дурударози илмӣ, таҳлилу таҳқиқи мақсаду вазифаҳои таҳқиқ ва мақулаҳои калидӣ барои дифоъ буда, ки дурнамоҳои мавзуи таҳқиқро муқаррар сохтаанд.

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он аст, ки муаммои афкори адабии тоҷикии нимаи дувуми асри XIX ва нимаи аввали асри XX аз чанд зовия ба таҳқиқ кашида шуда, ҷусторҳо ва ковишҳои унвонҷӯ дар тазкираҳо, маҷмуаи ашъори шоирон, китобҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, рӯзномаҳо, аввалин намунаҳои матбуоти тоҷикӣ, мақолаҳои матбуоти тоҷикии солҳои 20-40-уми асри XX барои фароҳам овардани манзараи таҳаввул ва шакл гирифтани нақду адабиётшиносии миллӣ мусоидат менамояд. Афзун бар ин, масъалаҳои қолибе чун маҳфилҳои адабӣ ва такомули нақди адабӣ, меъёрҳои баҳо дар тазкираҳо, вежагиҳои нави нақду наққодӣ ва раванди таълифу тадвини аввалин китобҳои таърихи адабиёти навини тоҷик, ҷойгоҳи классикони адабиёти форсии тоҷикӣ дар баррасиҳои илмии суханшиносии тоҷикӣ, нақши адибону донишмандон дар таҳаввули адабиётшиносиву нақди адабии давраи мавриди баҳс дар сатҳи зарур ва муносиб таҳқиқ шудаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он аст**, ки маводи диссертатсия барои идома ёфтани баррасиҳои афкори адабӣ ва нақду сухансанҷӣ дар он марҳала, бозхонии тазкираҳо ва дигар осори адабиву таърихӣ ва илмӣ бо мақсади муайян кардани вежагиҳои мумтози ҳаёти адабӣ, ҷараёнҳои адабиёт,

саҳифаҳои нави накду адабиётшиносӣ, симои суханварони ноқид ва адабиётшиносон, арзиш ва аҳаммияти маводи матбуот, мақоми китобҳои таърихи адабиёти нави тоҷик дар бознамоии тафаккури интиқодии нигорандагон ба адабпажуҳон, унвонҷӯён ва донишҷӯён раҳнамоӣ ва кӯмак мекунад.

Ҷусторҳои илмии диссертант дар заминаи мавзуи диссертатсия назаррас буда, аз заҳматҳои тулонӣ ва пайгиронаи ӯ перомуни мавзуъ дарак медиҳанд. Дар ин замина аз ҷониби ӯ 3 рисола ва маҷмуаи мақолаҳои илмӣ, 79 мақола – 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, дар тасҳеҳу нашри маводи маҷаллаи «Раҳбари дониш», асарҳои Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – «Тазкори ашъор» ва «Рӯзнома», инчунин таҳияи се китоби судманд саҳм гузоштааст.

**Маводи нашршуда** матолиби меҳварӣ, ҳадаф ва вазифаҳои аслии таҳқиқ, натиҷа ва мазмуни комили диссертатсияро фаро гирифта ва саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ ба таври шоиста шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон бо муҳтавои хуби илмӣ таҳия ва таълиф шуда, сохтори рисола ҷолиб мебошад. Дастабандии масъалаҳои асосӣ дар бобу фаслҳо бо меъёри замонӣ ҷараён гирифтааст. Миёни бобҳо пайванди қавие ҳаст, ки аз таҳлили амиқи матлабҳо ва ҷараёни дурусти гузориши масъала дар рисола дарак медиҳад.

Матлабҳо дар диссертатсия дар доираи чаҳор боб ва 16 фаслу 5 зерфасл танзим шудааст. Боби якум хосияти масъалагузорӣ ва даромаде ба асли таҳқиқ дорад ва дар он як зумра масъалаҳои назарии равишҳои таҳқиқу накди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX ва ҷойгоҳи сарчашмаҳои накди адабии маорифпарвариву ҷадидӣ баррасӣ шудаанд. Дар се боби дигар муаммои таҳқиқу нашри сарчашмаҳои адабиву илмӣ, мавқеи равшанфикрон дар арзёбии осори адибон, суннат ва навоварӣ дар накди адабӣ, меъёрҳои баҳо ва арзишдоварӣ, назари интиқодӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ, вежагиҳои накди адабӣ ва аввалин таърихи адабиёти навини тоҷикии нимаи аввали садаи XX, ҷойгоҳи эҷодиёти саромадони сухан аз диди сухансанҷони замони нав, накши ноқидон дар раванди шаклгирии андешаҳои замон, аз ҷумла, масъалаҳои таърихи адабиёт ва накди адабӣ аз дидгоҳи Сотим Улуғзода, оғози фаъолияти интиқодии Ҷалол Икромӣ, Мирзо Турсунзода ва пайванди ӯ бо сиёсати адабии роиҷ то нимаи аввали садаи XX, саҳми Тӯрақул Зеҳнӣ дар инкишофи сухансанҷии навини тоҷик, фаъолияти адабиётшиносӣ ва танқидии Раҳим Ҳошим мавриди пажуҳиш қарор ёфтааст.

Диссертант дар боби аввал қайд кардааст, ки дар осори интиқодии ибтидои асри XX масъалаҳои адабиёт якҷоя бо масъалаҳои иҷтимоӣ тавъам баррасиву накд шудаанд. Ҳамзамон дар нимаи аввали садаи бист то ҳадде дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, накди

адабӣ, афкори шеършиносӣ, фолклор, тарҷума ва равобити адабӣ корҳои ҷолибе падид омадаанд. Як хусусияти хоси шеваи таҳқиқу баррасӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҳини таҳлил кӯшиш ба харҷ рафтааст ба назару бозёфтҳои олимоне, ки дар ин самт кори таҳқиқӣ бурдаанд, баҳо диҳад ва дар заминаи муқоисаву муқобала хулосаҳо барорад. Чунончи, дар шинохти мақому ҷойгоҳи ҷадидия ба сифати идомадиҳандаи кори маорифпарварӣ аз нигоштаҳои муҳаққиқон М. Шакурӣ, М. Раҷабӣ, М. Абдулло, М. Имомов, Ғ. Ашӯров, И. Шарипов, Н. Ғаффоров ва дигарон ёдрас карда, сабабҳои саркӯбии ҷадидону афкори онҳоро дар даврони аввали шуравӣ – аз миёнаҳои солҳои 20-уми садаи ХХ муайян мекунад. Дар диссертатсия чунин масъалаҳо ба тариқи густурда бо фарогирии кулли матлабҳои чи манфиву чи мусбат ба қалам омадааст. Дигар аз падидаи қобили қабули тадқиқоти муаллиф дар ин боб пешниҳоди назар ва андешаҳои ҷолиби амалӣ мебошад.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки «**Вазъи сухансанҷӣ дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX**» унвон дорад, дисертант оид ба таҳқиқ ва нашри манбаъҳои адабиву илмӣ, ҷойгоҳи маорифпарварон ва ҷадидон дар арзёбии осори адабӣ, накши маҳфилҳои сухан дар накди адабӣ, тазкираҳо ва меъёрҳои сухансанҷӣ, аз ҷумла диди интиқодӣ дар тазкираи устод Айнӣ, накди масъалаҳои адабиёт дар матбуоти тоҷик изҳори назар карда, ҳарфи тозаро дар мавриди шинохти накду сухансанҷии охири садаи Х1Х ва нимаи аввали садаи ХХ-и адабиёти тоҷик баён кардааст. Муаллифи рисола бо огоҳӣ аз нигоштаҳои муҳаққиқон Маъруф Раҷабӣ («Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ» ва «Ислом: Ҷадидия ва инқилоб»), Ҷ. Бобокалонова («Таърихи танқиди адабӣ»), Ҷ.Ҳамроев («Таърихи танқиди адабӣ») ва дигарон ҳарфи тозае дар ин самт баён кардааст.

Дар боби дувуми диссертатсия муаллиф пешниҳод дорад, ки аз вазифаҳои муҳимми илмӣ дарёфтан, нашр ва дастраси муҳаққиқону донишҷӯён кардани сарчашмаҳои дасти аввали ин давра аст. Ҳамин ҷо ӯ қайд месозад, ки омӯзиши адабиёти охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ аз лиҳози идеологӣ дар давраи шуравӣ низ яке аз сабабҳои аз эътибор дур мондани силсилаи маъхазҳои муҳим ва ба таври маҳдуд фаро гирифтани таърихи адабиёти давра гардид. Бисёре аз масъалаҳои сухансанҷии ҳавзаи Мовароуннаҳр аз сабаби дар ихтиёр набудани бархе аз сарчашмаҳои адабии нодир ба таври комил омӯхта нашудаанд. Аз ин, рӯ ба нашр омода кардани манобеи муҳими илмию адабӣ ва таърихии ин давра ва таҳлилу таҳқиқи усулии он ба адабиётшиносии имрӯз муҳим аст.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки афкори адабӣ аз замони маорифпарварӣ – давраи дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мазмуну моҳияти комилан дигар ба даст овардааст. Бо таъсири афкори маорифпарварӣ дар адабиёт ва накди адабии тоҷик марҳалаи тозаи ҷустуҷӯи эҷодӣ оғоз ёфт. Адибону ноқидон бо назардошти мақсадҳои иҷтимову адабӣ ба хизмати ҷомеа пардохтанд ва ба оғози марҳалаи хоси накду сухансанҷии тоҷик мусоидат карданд.

Бандҳои дувум-севуми боби дувуми диссертатсия «Тазкираҳо ва меъёрҳои сухансанҷии тазкиранигорон», «Тазкираҳо – манбаи омӯзиши диди интиқодӣ»-ро метавон аз қисматҳои ҷолиби таҳқиқоти муаллиф шуморид, зеро муҳаққиқ дар ин бандҳо як силсила тазкираҳои охири қарни Х1Х ва ибтидои қарни ХХ, аз ҷумла «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳи Бухороӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳашмати Бухороӣ, «Афзал-ут-тазкор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдии Бухороӣ, «Тазкори ашъор»-и Садри Зиёро чун манбаи омӯзиши диди интиқодӣ мавриди баррасӣ қарор дода, арзиши сухан ва меъёрҳои баҳои шеъру шоириро дар ин асарҳо бозгӯ намудааст ва дар таърихи накди адабӣ саҳми ин тазкиранигоронро муайян намуда ва ба хулосаҳои ҷолиби илмӣ расидааст. Зеро тазкираҳо манбаи асосии омӯзиши адабиёти давраҳои муайяни таърихӣ буда, фарогири маводи ғанӣ дар бораи масъалаҳои муҳимми адабиёт, чун бозгӯи рӯзгору осори адибон, авзои ҳавзаҳои адабӣ, муносибатҳои адабӣ, шинохти сабк ва услуби суханварӣ, таҳқиқи масоили таърихӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва иҷтимоиву ахлоқӣ мебошанд ва дар шинохти табъи сухансанҷии адибони гузашта низ нақши равшан доранд. Аз ин рӯ, бе таҳқиқи густардаи тазкираҳо таърихи таҳаввули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла, накди адабии он тасаввурнопазир аст.

Дар боби севуми диссертатсия – «**Ҷойгоҳи классикони адабиёт дар баррасиҳои илмии нимаи аввали асри ХХ**» оид ба таваҷҷуҳи суханшиносони давр ба рӯзгору осор ва афкори адибони гузаштаи форсӣ-тоҷикӣ Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шайх Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва ғайра сухан рафта, муаллиф бар он ақида аст, ки маҳз дар ҳамин давра заминаи муносиб дар шинохти осори классикон фароҳам омадааст. Муаллиф ба баҳсу баррасӣ перомуни мероси адабии форсӣ-тоҷикӣ ва радду бадали мансубияти адабиёти форсӣ таваҷҷуҳ намуда, ба он баҳои арзанда додааст.

Нақши устодон Айниву Зеҳнӣ дар саргаҳи рӯдакишиносӣ ва арзиши чанд таҳқиқи судманд дар шинохти ҷойгоҳи устод Рӯдакӣ, дидгоҳҳои нахустин дар бораи Абулқосим Фирдавсӣ, равандҳои фирдавсишиносӣ ба муносибати ҷашни ҳазораи Фирдавсӣ дар Тоҷикистони шуравӣ, шинохти арзиши ҳамосаи безаволи ӯ, хидматҳои муҳимми устод Лоҳутӣ дар шинохти ин ҳамосаи бузург, таҳқиқи Носири Хусрав ва мероси адабии ӯ, шинохти Камоли Хуҷандӣ дар баррасиҳои адабиётшиносӣ ва ғайра моҳияти ин қисмати диссертатсияро дар бар мегирад.

Дар боби чаҳорум – «**Нокидони адабиёт ва давраи нави накди адабӣ**» аз корбарӣ, фаъолияти ноқидӣ ва мақоми адибони давраи нави адабиёти тоҷик, ки бештари онон аз суханварони мумтоз ба ҳисоб мерафтанд, аз ҷумла Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Мирзо Турсунзода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим сухан ба миён меоварад ва манзалати ҳар якеро дар ин ҷода муайан месозад.

Дар натиҷаи мутолиаи диссертатсияи мавриди назар ва аз рӯйи матлабҳои арзшуда дар бораи сохтору муҳтавои он ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки коре дар шинохти махсусияти афкори адабӣ ва вежагиҳои як давраи таърихӣ ва назарии накди адабии тоҷик – охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, яъне тарҳи сухансанҷии 50-60-сола аз мавқеи замонӣ ва махсусияти адабӣ ба таври фарогир ба анҷом расидааст. Ин гуна гузориши масъала ва ҳалли саҳеҳи онҳо дар омӯзиши афкори адабӣ-интиқодии тоҷикии давраҳои баъдӣ, ба сурати куллӣ, омӯзиши афкори адабиву интиқодии адибони ҷудогона, ба сурати алоҳида, аҳаммияти назарию амалии барҷастаеро доро мебошад.

Нуктаи шоистаи таъкид он аст, ки дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ муҳимтарин сифат ва вежагиҳои унвонҷӯ дар ҷанбаҳои зеҳнию фикрӣ, илмӣ ва равониву ахлоқӣ зоҳир гардидааст. Аз ин ҷост, ки дар рисолаи диссертатсионии Аъзамов Субҳонҷон ягон қазия ва ё нуктаи мавриди баҳс бидуни ишора ба маъхази аслӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ ба субут нарасидаанд. Баррасии мавзуъ дар ҳар як боби рисола дар асоси далелу санадҳо ҳаллу фасл ёфта, аз дониши фарох ва ҷаҳонбинии мукаммали муаллиф дар ҷодаи накди адабӣ ва адабиётшиносӣ дар охири садаи X1X ва нимаи аввали садаи XX шаҳодат медиҳад.

Дар қисмати **хулосаи** диссертатсия, ки аз 14 банди назарӣ ва 10 банд тавсияҳои амалӣ фароҳам омадааст, муҳимтарин натиҷаҳои илмии аз таҳқиқу ҷустуҷӯҳои босамари муаллиф шарҳу баст ёфтаанд. Фарогирии доираи васеъи мавзуи таҳқиқ, мулоҳизаҳои судманд ва ҳавсалаи ҳалли масъалаҳои печидаи баҳсбарангез дар диссертатсия бозгӯи ин матлаб аст, ки Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович бо таълифи ин рисолаи арзишманд дар шинохти афкори адабии тоҷикии нимаи дувуми асри XIX ва аввали қарни XX ва марҳалаҳои таҳаввули он ба дастовардҳои муҳим муваффақ шудааст ва пажуҳиши судманди илмиеро дар хидмати адабиётшиносӣ гузоштааст.

Дар баробари ин дастовардҳо ба чанд нуктаи диссертатсия метавон эрод гирифт, ки ислоҳ ва таҷдиди назар ба онҳо ба манфиати кор мебошад:

1. Ба масъалаи даврабандии таърихи адабиёт ба ҷуз устод Айнӣ олимони тоҷик пас аз солҳои 80-уми садаи XX машғул шудаанд. Рисолаи мавриди накд ба таҳқиқи афкори адабӣ охири асри X1X ва нимаи аввали асри XX бахшида шудааст. Ин масъалаҳои даврабандӣ берун аз ин давра ба назар мерасад. Кофӣ мебуд, ки дар атрофи дидгоҳи устод Айнӣ роҷеъ ба ин масъала дар як банд (абзатс) назари диссертант баён шавад.

2. Дар фасли дувуми боби аввал заминаҳои пайдоиши афкори адабии тоҷикӣ хуб таҳлилу таҷзия шудааст. Аммо, мутаассифона, хулосаи матлаб бо як ҷумла гуфта шудааст, ки ба назари ин ҷониб басанда нест. Бино бар аҳаммияти ин мавзуъ беҳтар мешуд, агар муаллифи диссертатсия густараи таҳлили фасли дувумро васеътар мекард.

3. Мафҳуми «маорифпарварӣ» 68 маротиба дар рисола оварда шудааст. Роҷеъ ба масъалаи интисоби номи «маорифпарвар» ва муштақоти он дар

робита ба фарҳангу адаби асрҳои Х1Х-ХХ-ум мо мувофиқ нестем. Дар ин бораи мақолаи илмие аз ҷониби С. Амирқулов ба нашр расидааст. Бо далелҳои хеле муътамад ин муҳаққиқ исбот мекунад, ки ба ҳеч ваҷҳ ин давраи таърихи адабиёти моро наметавон «маорифпарварӣ» номид. Бо он ки муаллифи рисола мафҳуми «равшангарӣ»-ро дар 40 мавриди истифода кардааст, суоле ба миён меояд, ки муаллифи рисола чӣ фарқе байни ин ду мафҳум қоил аст?

4. Дар саҳифаи 48-и рисола сухан дар бораи «Аз эътибор дур мондани сарчашмаҳои муҳимми давра, аз ҷумла пайдо шудани манобеъи дасти аввал дар роҳи омӯзиши нав ва таълифи таърихи ҷадиди адабиёти тоҷик» рафтааст. Бисёр муҳим аст, ки ин манбаъҳо боз ҳам бештар ба таври мушаххас зикр ёбанд, зеро ин амал ба аҳаммияти рисола меафзояд.

5. Дар фасли 2-уми боби дувум «Саҳми равшангарон дар арзёбии осори адабӣ» бозгӯи андешаву дидгоҳҳои Аҳмади Дониш аз «Наводир-ул-вақоеъ» аз боби шеър тафсилу шарҳи бештаре мехоҳад. Дар сурати таҳлилу таҷзияи амиқи ин бахш ва масоил хулосаҳои ҷолибе дар бораи афкори адабии Аҳмад Дониш ба даст хоҳад омад. Ба назари мо ҳалли ин масъала бо фарогирии ин чанд нукта бо такя ба пажуҳишҳои Айнӣ ва Ҳодизода ва назари устод Айнӣ дар заминаи ба жанри «роман» мансуб будани «Наводир-ул-вақоеъ» ва чанд асари дигар тамом намешавад. Бояд диссертант дар назди худ суол гузорад, ки чаро ва ба кадом далелҳо устод Айнӣ ин осорро жанри роман гуфтааст?

6. Чунин ба назар мерасад, ки ба андешаи муаллиф «афкори адабӣ» ва «нақди адабӣ» мафҳумҳои муродифанд. Чунончи, аз банди якуми хулосаҳо бармеояд, ки диссертатсияи мавриди нақд ба тавсифи масъалаҳои нақди адабӣ пардохтааст, на таҳқиқи афкори адабӣ: «Пайгирӣ аз консепсияи нави таҳқиқи таърихи адабиёти ин давра аз бисёр ҷиҳат барои вусъати чашмандози нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ низ мусоид аст» (дис., саҳ. 293).

Дар саҳифаи 297 низ муқарраран бар нақди адабӣ будани пажуҳиши хеш таъкид меварзад: «Пеш аз ҳама дарки зарурати нақду наққодӣ ва рӯйоварии хоссаи мунаққидони солҳои 20-уми садаи ХХ моҳияти масъаларо бар манфиати шинохти ҳақиқати он замон ошкор мекунад».

7. Гоҳе сабки отифию эҳсосотӣ ҷои сабки баёни илмиро гирифтааст ва ё мафҳумҳо чандон бамавқеъ нестанд. Чунончи, дар сабки илмӣ сифатчиниҳое чун «шинохта» (дис., саҳ. 8), «барҷаста» (дис., саҳ. 353, 360) ба ному насаби муҳаққиқон илова кардан ҷоиз нест. **Ё дар саҳ. 6:** «Моҳияти дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар давраи бозсозии шуравӣ ва аҳди Истиқлоли миллии Тоҷикистон (аз ибтидои солҳои 90-уми садаи ХХ) ба омӯзиши жарфтари мавзуъ ва падид омадани консепсияи хос ва баландмеъёр дар омӯзишу пажуҳиши таърихи танқид ва адабиётшиносӣ заминаи мусоид фароҳам овард».

Мафҳуми «консепсияи хос ва баландмеъёр» номафҳум ва начандон илмист. Ҳамин навъ лағжишҳои услубиро дар саҳифаҳои 24, 30-31, 33, 37, 79 ва ғайра низ дидан мумкин аст.

Ислоҳи қайду эродҳои мазкур табиист, ки барои такмили диссертатсия муфид ва муҳим буда, арзиши илмӣ ва аҳаммияти онро меафзояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи ба баррасии мавзуи муҳимм ихтисос ёфта, ҳадафу вазифаҳои меҳварии пажуҳишӣ дар сатҳи назарраси илмӣ ҳаллу фасл шудаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферат, рисола, маҷмуаи мақолаҳо, ҳамзамон мақолаҳои дигар, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва берун аз он ба чоп расидаанд, мувофиқат дорад.

Диссертатсия ба меъёрҳои таълифи диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, ба шиносномаи ихтисоси «**10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)** мутобиқат дорад.

Диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «**Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)** мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои филологӣ, директори
Китобхонаи марказии илмии ба номи
Индира Гандии Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур

«20» 05 соли 2024

**Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Тел.:** (+992) 90-70-11-11
**E-mail**: Sufizadeh@gmail.com

Имзои Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпурро тасдиқ мекунам:
**Мудири шуъбаи кадрҳои Китобхонаи**
**маркази илмии ба номи Индира Гандии**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мусавирова Ш.М.**

**«20» 05 соли 2024**

**Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
**Тел**.: (+992 37) 221-43-02
«20» 05 соли 2024